**Суратмаҷлиси №81**

Маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**«25» 04 соли 2025** **ш. Душанбе**

**Аъзоёни шуро ҳамагӣ: 16 нафар**
**Иштирок доштанд: 12 нафар аъзоёни шуро**

**Дар маҷлис иштирок доштанд:**

| | |
|---|---|
| 1. Фақеров Ҳамидуллохон Нуриддинович | д.и.и. 08.00.05.02 |
| 2. Кошонова Манзура Раҳматҷоновна | д.и.и. 08.00.05.02 |
| 3. Убайдуллоев Фаредулло Каримович | н.и.и. 08.00.07 |
| 4. Аминов Иномҷон | д.и.и. 08.00.03 |
| 5. Қандиёрова Дилбар Облоқуловна | д.и.и. 08.00.03 |
| 6. Мирсаидов Саидакмал Аврорович | д.и.и. 08.00.03 |
| 7. Раҳимзода Ҳисайн Раҳим | д.и.и. 08.00.03 |
| 8. Саидмуродзода Лутфулло Хдбибулло | д.и.и. 08.00.05.02 |
| 9. Сафаров Бахром Гулматович | д.и.и. 08.00.03 |
| 10. Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич | д.и.и. 08.00.07 |
| 11. Ҷонмамадов Шермамад Бегмамадович | д.и.и. 08.00.05.02 |
| 12. Шералиев Эмомалӣ Нуралиевич | д.и.и. 08.00.03 |

**Шунида шуд:** Раиси комиссияи ташхиси аввалия, д.и.и., дотсент Ҳикматов У.С. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Солиев Нодирҷон Амрохонович дар мавзуи “Нақши андозбандии ғайримустақим дар танзими андозии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосӣ 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз оид ба ҳимоя баромад намуда, хулосаи омоданамудаи комиссияи экспертиро оид ба қабули диссертатсияи мазкур барои ҳимоя ба аъзоёни шуро расонид.

Диссертатсия таҳти роҳбарии номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, и.в. профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Бегматов Ашурбой Ахманович омода гардидааст (айни ҳол бо сабаби беморӣ кор намекунанд).

Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, инчунин соҳаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзуъ ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар умум 12 мақолаи илмӣ, аз ин шумора 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷмуаи маводи конференсияҳои сатҳи гуногун ба табъ расонида шудаанд.

Комиссияи экспертӣ барои баргузор намудани ҳимояи диссертатсияи Солиев Нодирҷон Амрохонович дар мавзуи "Нақши андозбандии ғайримустақим дар танзими андозии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тавсия медиҳад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Солиев Нодирҷон Амрохонович дар мавзуи "Нақши андозбандии ғайримустақим дар танзими андозии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосӣ 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷмуъ дар 12 мақолаи илмӣ, аз ин шумора 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия **Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** таъин карда шавад.

4. Бо пешниҳоди комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Улуғхоҷаева Хосият Рауфовна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Салимова Муҳайё Музафаровна** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

5. **Санаи ҳимоя** 02-юми июли соли 2025 таъин карда шавад.

6. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимоя дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи муассиса ва нашри автореферат бо теъдоди 100 нусха бо ҳуқуқи дастнавис ва паҳнкунии он иҷозат дода шавад.

7. Омода намудани лоиҳаи хулосаи шуро оид ба диссертатсияи Солиев Нодирҷон Амрохонович ба уҳдаи д.и.и., дотсент Ҳикматов У.С., д.и.и., дотсент Хайрзода Ш.К., ва н.и.и. Убайдуллоев Ф.К. вогузор карда шавад.

Аз рафти маҷлис чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Тарафдор – 12 нафар, зид- нест, бетараф- нест.

**Раиси**
**шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**